**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 01 декабри соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 таҳқиқоти диссертатсионии Масиев Умед Октамовичро дар мавзӯи «Қатъи фаъолияти соҳибкорӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (Роҳбари илмӣ – Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Меликов Умрилло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Пулатов Азамат Содикҷонович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, баромади аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Тағойназаров Шариф Тағойназарович, Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ, Шарипов Такдиршоҳ Шариповичро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Масиев Умед Октамович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

**1.** Диссертатсияи Масиев Умед Октамович дар мавзӯи «Қатъи фаъолияти соҳибкорӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи

намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

**3.** Ба Масиев Умед Октамович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

**4.** Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Масиев Умед Октамовичро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**